**БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

# ШАРҲИ УСТУВОРИИ МОЛИЯВИИ НИЗОМИ БОНКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СЕМОҲАИ ЯКУМИ СОЛИ 2021

*Дар семоҳаи якуми соли 2021 сарфи назар аз идома ёфтани раванди паҳншавии бемории сироятии COVID-19 дар ҷаҳон, рушди иқтисодиёти миллӣ таъмин гардида, вазъи молиявии низоми бонкӣ аз рӯи нишондиҳандаҳои устувории молиявӣ дар сатҳи муътадил арзёбӣ мегардад. Дар ин давра нишондиҳандаҳои молиявии бонкӣ, аз қабили сатҳи пардохтпазирӣ ва кифояти сармоя нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ зиёдшавӣ дошта, сифати сандуқи қарзӣ раванди беҳтаршавиро касб намуд.*

**Кифоятии сармоя.** Дар ҷамъбасти семоҳаи якуми соли 2021 меъёри кифоятии сармоя (МКС) дар низоми бонкӣ ба 20,7 фоиз (К1-1) баробар гардид, ки аз талаботи муқарраршуда 8,7 банди фоизӣ (б.ф.) зиёд мебошад.

**1. МКС (К1-1) дар низоми бонкӣ**




**Пардохтпазирӣ.** Нишондиҳандаи дигари муҳими устувории молиявӣ-меъёри пардохтпазирӣ (К2-1) дар сатҳи низом низ ба талаботи меъёри мақбул мутобиқ буда, 70,3 фоизро ташкил намуд, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта ба андозаи 2,4 б.ф. зиёд мебошад.

Сатҳи пардохтпазирӣ бо асъори хориҷӣ ифодаёфтаи низоми бонкӣ бошад, ба 73,1 фоиз расид.

**2. Меъёри пардохтпазирӣ (К2-1)**




**Даромаднокӣ.** Дар давраи баррасишаванда новобаста аз мушкилиҳои ҷойдошта, даромаднокии низоми бонкӣ аз рӯи дороиҳо ва сармоя дар сатҳи муътадил нигоҳ дошта, мувофиқан 2,9 ва 10,7 фоизро

ташкил намуданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2020 мутаносибан ба андозаи 0,6 б.ф. ва 1,8 б.ф. кам мебошанд.

**Сифати сандуқи қарзӣ.** Дар ҷамъбасти семоҳаи якуми соли 2021 ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъол (зиёда аз 30 рӯз батаъхирафтода) дар сандуқи қарзӣ нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ ба андозаи 6,0 б.ф. коҳиш ёфта, 23,1 фоизро ташкил намуд. Раванди коҳишёбии ин нишондиҳанда дар аксари ташкилотҳои қарзии молиявӣ мушоҳида мегардад.

Дар ин давра нишондиҳандаи фонди пӯшонидани талафоти имконпазир нисбат ба қарзҳои ғайрифаъол ба 75,0 фоиз баробар гардид.

**Хавфи асъорӣ.** Дар ҷамъбасти семоҳаи якуми соли 2021 мавқеи умумии кушодаи асъорӣ дар ташкилотҳои қарзӣ кӯтоҳ буда, андозаи он -15,3 фоизро ташкил медиҳад ва ба меъёри муқарраршуда (К6-1) мувофиқ мебошад.

Дар давраи ҳисоботӣ 39,9 фоизи қарзҳои низоми бонкиро қарзҳои асъорӣ ва 46,0 фоизи пасандозҳоро пасандозҳои асъорӣ ташкил доданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ мувофиқан ба андозаи 10,8 б.ф. ва 0,5 б.ф. раванди камшавӣ доранд. Тамоюли коҳишёбии ҷалби пасандозҳо ва пешниҳоди қарзҳо бо асъори хориҷӣ дар солҳои охир аз тадриҷан паст шудани сатҳи долларикунонии иқтисодиёт гувоҳӣ медиҳад.

**3. Даромадноки дороиҳо ва сармоя**




**4. Сифати сандуқи қарзӣ**




**5. Нишондиҳандаҳои хавфи асъорӣ**




*Манбаъ: ҳисобҳои БМТ*